ҶАМШЕД АЗИЗ

# ҚАЛАМИ САБЗ

**Душанбе**
**2018**

ББК 84 тоҷик 7-5
А-37

Ба муносибати соли 2017 эълон гардидани соли ҷавонон аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нашр мегардад

«Қалами сабз» майсаи наврустаи гулшани адаби соҳибистиқлоламон мебошад, ки Ҷамшеди Азиз ба хурдсоливу ҷавонии худ нигоҳ накарда, ба диди хеш васфи устодону омӯзгорон, рамзҳои давлатӣ, сулҳу ваҳдат ва ватани биҳиштосоямонро дар шеърҳои навқаламонааш тасвир намудааст.

Аз баъзе шеърҳо ва чистонҳояш мушоҳида мешавад, ки Ҷамшед назар ба ҳамсолонаш дар сабти эҷод диди дигар дорад ва мо низ дар ин роҳи пешгирифтааш барояш бахту иқбол мехоҳем.

USBN 978-99975-0-658-0

## НАВҚАЛАМИ НАВРАС

Ҷамшед Азизов зодаи ноҳияи Вахш буда, 25-уми январи соли 2001 дар деҳаи Ҳофизи Шерозӣ таваллуд шудааст. Ҳоло Ӯ дар МТМУ- и №23 и ноҳия таҳсил намуда, дар қатори хонандагони беҳтарин қарор дорад.

Ҷамшед аз хурдӣ ҳифзи шеър ва шеърхониро дӯст медорад. Пайваста аз омӯзгорон Саодат Бобоева, Тоҷиддин Саъдиев ва Раҷаб Шафиев нозукиҳои шеър ва шеърнависиро меомӯзад.

Майлу рағбаташ ба шеърхонӣ зиёд буда, аз синфи 5-ум шеър ва чистон эҷод менамояд. Дар муассисаи таълимӣ узви маҳфили адабӣ мебошад. Дар чорабиниҳои умумимактабӣ ва ноҳиявию вилоятӣ фаъолона иштирок мекунад. Шеърҳо ва чистонҳояш дар рӯзномаҳои «Нури маърифат», «Вахш» маҷалаи Мактаб ва китоби дастаҷамъии навқаламони вилоят бо номи «Ҳамсолони истиқлол» ба табъ расидааст.

Узви фаъоли маҳфили адабии «Гулбарг»-и ноҳия ва аъзои фаъоли маҳфили адибони ҷавони вилоят мебошад.

Ӯ инчунин иштирокчии курсконфренсияи навқаламони вилоят ва дарёфти адибони ҷавони Тоҷикистон, ки дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) баргузор шуд, мебошад.

Ӯ хуб медонад, ки олами шеъру чистон хеле рангин ва фарох аст. Ин навқалами наврас пайваста меомӯзад. Аз ашъори шоирони классик ва муосир шеърҳоро ҳифз мекунад. Аз шоирони ноҳия вилоят ва ҷумҳури маслиҳатҳои муфид мегирад. Аз онҳо дар бораи жанрҳои шеърӣ пурсон мешавад. Дар маҳфили адибони ҷавони вилоят иштирок намуда, аз шоирон Акрами Ризом, Ҷӯпон Бадал, Устод Озар, Усмон Билолӣ ва Ҳайдарӣ пайваста меомӯзад. Дар шеъру чистонҳояш равонии сухан ва дарки маъно, вазну қофия дида мешавад.

**Равонии сухан дар порчаҳои шеъраш хеле хуб баён шудааст:**

Аз гулшани ободам,
Аз кишвари озодам,
Аз миллати дилшодам,
Шукрона мекунам ман.

Аз Худои меҳрубон,
Аз Эмомалӣ Раҳмон,
Аз ин сулҳи тоҷикон,
Шукрона мекунам ман.

Ҷамшед кӯшиш мекунад, ки дар интихоби мавзӯи шеъру чистонҳо ҳамқадами замон бошад. Дар шеърҳои ӯ мавзӯи ватандӯстӣ, истиқлолият ва ваҳдат мақоми хос дорад. Бештар мекӯшад, ки муваффақиятҳои миллату кишварро тараннум созад. Дар шеърҳояш Тоҷикистонро бо самимияти беандоза рӯйи авроқ меорад:

Илоҳо, Тоҷикистон, зинда бошӣ,
Чу хуршеди ҷаҳон поянда бошӣ.
Аё Эмоми Ваҳдат, сарвари мо,
Ҳамеша,ҷовиду фархунда бошӣ.

Қисми дигари эҷодиёти ӯ чистонҳо мебошанд, ки бениҳоят ҷолибу рангинанд. Дар онҳо номи парандагон, сабзавоту ғалладона ва воситаҳои техникӣ хеле мавзун оварда шудааст. Калимаҳо дар чистонҳояш либоси рангини маънӣ ба бар намуданд.

Новобаста ба навқалам буданаш ӯ дар навиштани чистон, рубоӣ, дубайтӣ ва ғазал ба муваффақиятҳо ноил гардидааст. Дар шеърҳояш истифодаи санъатҳои

сухан аз қабили тавсифу ташбеҳ ва маҷоз мушоҳида мешавад.

**Чистонҳояш рангину равонанд:**

Дорад як чашм дар шикам,
Истода бо рӯйи ҳам.
Танҳо ба як чиз монанд,
Он ҳам як узви одам. ( Лӯбиё)

Ҷамшед медонад, ки шеърнависӣ кори саҳл нест, бояд пайваста аз ашъори шоирони муосиру классик омӯхт, то ба қуллаҳои баланди эҷодӣ расид.

Ба ин навқалами наврас дар роҳи эҷоди сухан дастовардҳои беназирро хоҳонам. Ҷамшед дар оянда бо омӯзиши нозукиҳои шеъру шоирӣ ба қуллаҳои баланди эҷодӣ по гузораду дар осмони шеър баландпарвоз гардад ва ба муваффақиятҳои бузург ноил шавад.

Бигзор, қаламаш ҳамеша дар ҷустуҷӯйи меҳру муҳаббат ба Модар - Ватан, Тоҷикистон ва сулҳу осоиши Ватан, оромию осудагии диёрии биҳиштосоро тараннум намояд.

**Аълочии маорифи**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**омӯзгор Бобоева Саодат.**

## ШЕЪР ВА ҒАЗАЛҲО

### СУЛҲ

Шабчароғи хонадон бошад сулҳ,
Ифтихори тоҷикон бошад сулҳ.

Азми мо ваҳдатшиору дӯстӣ,
Доимо рӯйи ҷаҳон бошад сулҳ.

Аз Худованди Кариму меҳрубон,
Ҳадияе бар Ориён бошад сулҳ.

Сулҳ набошад, мулк вайрон мешавад,
Ваҳдати рӯй ҷаҳон бошад сулҳ.

Ё Рабо, ман аз ту дорам илтиҷо,
Дар диёрам ҷовидон бошад сулҳ!



## ТУ МЕПУРСӢ ЗИ ҲОЛИ МАН?

Ало, эй дили ғамдида, ту мепурсӣ зи ҳоли ман?
Ало, эй дӯсти ранҷида, ту мепурсӣ зи ҳоли ман?

Агарчи хонаат вайрон ҳоли ту парешон буд,
Ман аз ҳолат напурсида, ту мепурсӣ зи ҳоли ман?

Ман имрӯз ҳамчу булбул нола дорам аз ғами гулҳо,
Ту, эй булбули шӯрида, чӣ мепурсӣ зи ҳоли ман?

Ту танҳо мондию рафтӣ маро дар байни ду девор,
Куҷоӣ ёри шармида, ту мепурсӣ зи ҳоли ман?.

Ҳама ғамҳои дилро ман ба кӣ гӯям, ба кӣ нолам,
Куҷоӣ ёри носуда, ту  мепурсӣ зи ҳоли ман?

Ман имрӯз чун гули пажмурдаям  дар гӯшаи ин боғ,
Ба андуҳу ғам афтида, ту мепурсӣ зи ҳоли ман?

Ҳама дарду аламҳоям ба назми хеш бинвиштам,
Ғазалҳоям – ғами дида, ту мепурсӣ зи ҳоли ман?

Аё, Ҷамшед машав ғамгин аз ин пасту баландиҳо,
Ту эй чархи ҷафодида, чӣ мепурсӣ зи ҳоли ман?

## ЭЙ ДИЛ

Эй дило, тори дуторам ҷӯр шавад,
Нағмаи созу наю танбӯр шавад.

Оҳ, ҳама ин хонадони тоҷикон,
Аз шуоъи шеди мо пурнур шавад.

Чашми бадбин ар ба сӯяш бингарад,
Ё Худоё, чашми бадкин кӯр шавад.

## ВАТАН

Хома ба даст гирифтам,
Шеъре оғоз намудам.

Ман дари илҳоми хеш,
Дубора боз намудам.

Дилам мегуфто сухан,
Ки сар кунем аз Ватан.

Дар васфи боғу чаман,
Нависем бо ҷону тан.

Як зарра хоки Ватан
Қимат бувад аз Хутан[1].

Ҷаҳон арзиш надорад,
Пеши ин зебо чаман.

[1] Хутан вилоятест дар Чин

## **ОЛАМИ ИФТИХОРАМ**.

Олами ифтихорам,
Миллати номдорам.

Бо ту мефахрам мудом,
Аё зебо диёрам.

Эй кишвари зебоям,
Эй ҷаннатулмаъвоям.

Ту ганҷи ягонаӣ
Дар зиндагӣ бароям.

## **ДИЛИ ШОИР**

Дили шоир пур аз ишқу муҳаббат,
Дили шоир ҳама меҳру садоқат.
Дили шоир дили бекина  бошад,
Ҳама сӯзе варо дар сина бошад.



## ШУКРОНА МЕКУНАМ МАН

Аз гулшани ободам,
Аз кишвари озодам
Аз миллати дилшодам,
Шукрона мекунам ман.

Аз кӯҳу дашту саҳро,
Аз ҷӯю чашмазорҳо.
Аз ин диёри зебо,
Шукрона мекунам ман.

Аз Худои меҳрубон,
Аз Эмомалӣ Раҳмон.
Аз ин сулҳи Тоҷикон,
Шукрона мекунам ман.

## МУЖДАИ ЗИМИСТОН

Мужда омад, ки зимистон мерасад,
Фасли сардӣ, барфу борон мерасад.
Мардумон ҳосилашон бардошта,
Сардие ба рӯю миҷгон мерасад.

## ҶОНАМ ФИДОИ МЕҲАН

Миллати хешро дубора, мо зеботар мекунем,
Сангу хоки ин ватан бо ҷон баробар мекунем.
Бин, Худованди бузург бар мулки додаст сулҳ,
Сулҳу ваҳдатро нигаҳбонӣ чу гавҳар мекунем.
Тоҷикистон гашта имрӯз ҷаннати рӯйи Замин,
Шукри Аллоҳ, шукри Ваҳдат, шукри Сарвар мекунем.

## МОДАРИ ЯГОНА

Тоҷи сарам модарам,
Болу парам модарам.

Дар зиндагӣ ёварам,
Танҳо туӣ дар барам.

Ту меравӣ аз барам,
Меравад ҳуш аз сарам.

Ҷуз ту набуд ёварам,
Ту куҷоӣ, модарам?

Ашки ғамро набинӣ,
Ризқи камро набинӣ!

Доимо хушҳол бошӣ,
Дарду ғамро набинӣ!

Тоҷи сарам модарам,
Доим бошӣ дар барам!

## БА СУЙИ ТУ

Гар нигарам ба сӯйи ту,
Бо чеҳраи хушрӯйи ту.

Болида гардад рӯҳи ман,
Аз дидани он рӯйи ту.

Туро бинам бо дигаре,
Он кист дар паҳлуи ту?

Бар ман накардӣ ту вафо,
Ман меравам аз кӯйи ту.

## ОДАМӢ

«Одамӣ одам набинад, аз куҷо одам шавад»
Ҳайфи он умри азизе рӯз аз рӯз кам шавад.

Шукр гӯяд ҳар касе назди Худои меҳрубон,
Ин ҳама эҳсону файз бар хонаи ӯ зам шавад.

Одамони босахо кам нест андар ин ҷаҳон,
Ку ҳамон марде, ки дар роҳи сахо Ҳотам шавад.

Одамон, эй  одамон, андешаи фардо кунед,
Кори нек  андар қиёмат ёвару ҳамдам щавад.

Доимо  ҳақҷӯю ҳақгӯй бош, Ҷамшед, дар ҳаёт,
Номи нек вирди забонҳо дар ҳама олам шавад.

## МЕРАВАД

«Ороми ҷонам меравад,»
Рӯҳу равонам, меравад.
Моҳи тобонам меравад,
Нури чашмонам меравад.
Беҳтар зи ҷонам меравад,
Зӯру тавонам, меравад.
Гӯё ҷаҳонам меравад,
Модари ҷонам меравад.

## АРТИШИ МО

Артиши миллӣ,
Чун ҳимоятгар.
Моро нигаҳдор,
Аз ҳама хатар.

Шабҳои дароз,
Истодаӣ рост,
Артиши миллӣ.
Нигаҳбони мост.

Артиши моро,
Нигаҳбон Худост.
Дар дили артиш,
Меҳри Ватан ҷост.

## ДӮСТ

Биё, ай дӯсти ҷонӣ,
Бимонем ҷовидонӣ.
Шодӣ кунем, шодӣ,
Дур кунем парешонӣ.
Дар ин дунёи фонӣ,
Бимонем дӯсти ҷонӣ.

## СӮЗИ ИШҚ

Ин дилам аз сӯзиши ишқи ту бирён мешавад,
Ашкҳои чашми ман селоби борон мешавад.

Ҳар рақибе бар дили ман мезанад санги ҷафо,
Душманам аз сӯхтани ман шоду хандон мешавад.

Ин дили бемори ман доим ба ёди ӯ бувад,
Дида бар ҳоли дилам ҳар лаҳза гирён мешавад.

Ин манам побанди ғам андар раҳи ишқу вафо,
Синаи ман чок-чок аз ёди ҷонон мешавад.

Ин ҳама дарду алам аз қалби Ҷамшед асту гуфт
Ин ҳама шеъру ғазал аз сӯзиши ҷон мешавад.

## ОБИ МУСАФФО

Оби софу мусаффо,
Равон аст дар ҷӯйи мо.
Чунин оби зулолро,
Арзонӣ дода бар мо.

Об аст рӯҳу ҷони мо,
Қуввату дармони мо.
Бе об ҳаёт набошад,
Дар боғу майдони мо.

Об неъмати бебаҳост,
Об ширину мусаффост.
Тоза нигаҳ доредаш,
Об неъмате аз Худост.

## АРЗУ СИПОС
## МУАЛЛИМ

Аё муаллим,
Бидодӣ таълим,
Кардӣ роҳнамо
Барои фардо.

Фардои моро
Ту раҳнамоӣ,
Баҳри шогирдон
Хизмат намоӣ.

Эй устоди ман,
Эй бунёди ман,
Ту медиҳӣ панд
Ба ман чанду чанд.

Идат муборак,
Идат муборак!
Эй устоди ман,
Эътиқоди ман.

## БА УСТОДАМ ҚАРАҚУЛОВ ДИЛШОД

Эй Қарақулов Дилшод,
Шумо ягона устод.
Шумо омӯхтед ба мо
Дарси компютерро.
Устоди азиз Дилшод,
Меҳоҳам бошед обод!
Хушбахт бошед доимо
Ҳамеша бо дили шод!

## САЛОМ МОДАР

Салом, эй нури имонам,
Салом, эй модари ҷонам.
Ҳар саҳару субҳидам
Медодӣ дуо бар ман.

Бо дуои модарам
Гул  кунад баҳори ман,
Дар ду ҷаҳон ёварам,
Бошӣ ғамгусори ман.

## БА УСТОД ҲАЙДАРӢ

Чароғи маҳфили мо,
Муроду ҳосили мо.

Ҳам обу ҳам гили мо,
Ҷовидон дар дили мо.

Шарофиддин Ҳайдарӣ,
Ту беҳтарин раҳбарӣ.

Доимо шоду хандон
Бошед хушбахти замон.

Ғам зи Шумо парешон,
Эй шоири тоҷикон.

Шарофиддин Ҳайдарӣ,
Ту беҳтарин раҳбарӣ.

Дар васфи шеъру чистон
Кардӣ мушкилам осон.

Бар ҳама ёрирасон,
Шумо фарди боимон.

Шарофиддин Ҳайдарӣ,
Ту беҳтарин раҳбарӣ.

## БА МУАЛЛИМА КАВРАКОВА ДИЛАФРӮЗ

Устоди меҳрубонед , муаллима Дилафрӯз,
Шумо ширинзабонед, муаллима Дилафрӯз.

Шумоед ёвари мо, чу Шед  бари мо,
Монанди модари мо, муаллима Дилафрӯз.

Ҳар рӯзу шаб омӯхтед,
Дарси адаб омӯхтед.

Мо мефахрем аз Шумо,
Азизу яктои мо.



## БА УСТОД АБДУРАСУЛОВ УМЕД

Ту тоҷи сари моӣ,
Ту болу пари моӣ.
Доим ёвари моӣ,
Абдурасули Умед.

Ту дилсӯзу меҳрубон,
Ту ҳастӣ ширинзабон.
Меҳри ту дар дилу ҷон ,
Абдурасули Умед.

Умри ту бод ҷовидон,
Баҳори ту бехазон!
Боғи гулат гулафшон,
Абдурасули Умед.



## БА УСТОД МУҚИМОВ ХУҶАМУРОД

Устодам Хуҷамурод,
Шумо ягона устод.

Устоди дилсӯзи мо,
Як умр бошед обод!

Шумо омӯхтед ба мо
Ҳамдиливу дӯстиро.

Омӯхтаед ба моён,
Ҳам забони русиро.

Миннатдорем аз Шумо,
Устоди азизи мо.

Муқимов Хуҷамурод,
Шумо беҳтарин устод.

## БА БОБОЕВА САОДАТ, МУАЛЛИМАИ АЗИЗ ВА ЯГОНА

Муаллимаи доно,
Муаллимаи зебо.
Туӣ ягонаи мо,
Бобоева Саодат, Бобоева Саодат.

Ширинсухан, меҳрубон,
Барои мо дилу ҷон.
Шуморо Ҳақ нигаҳбон!
Бобоева Саодат, Бобоева Саодат.

Рафтори нек доред,
Пиндори нек доред.
Гуфтори нек доред,
Бобоева Саодат, Бобоева Саодат.

## ПЕШВО

Эй Пешвои миллат,
Эй офтоби Ваҳдат,
Бо нури ҳикмати ту
Рахшанда гашт қисмат.
Монандаат надидем
Дар хайру дар саховат.
Овардаӣ ба халқат
Ҳам бахт, ҳам саодат.
Бодо ҳазор аҳсант,
Бодо ҳазор раҳмат!

## БА УСТОД МУРОДОВ ХАЙРИДДИН

Устоди ман Хайриддин,
Муаллими беҳтарин.

Шахси боилму фарҳанг,
Устоди боору нанг.

Доим бошед сарбаланд,
Эй устоди арҷманд!

Забони хориҷиро,
Мо аз шумо омӯхтем.

Муаллими меҳрубон,
Номатон вирди забон.

## БА УСТОД КАРИМОВ АСАДУЛЛО

Устоди азизи мо,
Каримов Асадулло,
Фикри шумо доимо,
Дар илму дониши мо.
Дар ҳар куҷое бошед,
Нигоҳбонатон Худо!
Устоди бомаърифат,
Каримов Асадулло.

## БА УСТОД АКРАМИ РИЗОМ

Шоири ширинкалом,
Устод Акрами Ризом.
Баҳри Шумо, устодам,
Зебанда бошад ин ном.

Мушфиқу меҳрубонед,
Накӯкори замонед.
Роҳнамову роҳкушо,
Ба мо эҷодкоронед.

Бо устодам Ҳайдарӣ
Моро кардед роҳбарӣ.
Устоди меҳрубонам
Дар қалбу руҳу ҷонам.

Хоҳиш дорам зи Яздон,
Шуморо бод нигаҳбон!

## БА УСТОД ШАФИЕВ М.

Беҳтарин устодро дарёфтам,
Байни осмону саморо кофтам.

Аввалин ҳастӣ ту, эй устоди ман,
Шоҳсутуни илм дар бунёди ман.

Аз ту дорем ифтихор мо ҳар замон,
То абад дар дил бимонӣ ҷовидон.

## БА КУЛЛИ ОМӮЗГОРОН

Ба кулли омӯзгорон
Навиштам аз дилу ҷон.

Баҳри устодам Шодӣ
Ман мехоҳам ободӣ.

Муаллима Дилафрӯз,
Бошӣ ту шоду фирӯз!

Шумо, Шафиев Раҷаб,
Ягонаед дар мактаб.

Гулноза – устоди мо,
Ҳамеша дар ёди мо.

Устод Каримов Нусрат
Баҳри мо намуд хизмат.

Устодам Бахтинисо,
Аз Шумо ҳастем ризо.

Муаллим Дилшоди мо
Мактаби ободи мо.

Бобоева Саодат,
Ӯ шахси босаховат.

Устоди ман Ҳусенҷон,
Ҳастанд марди паҳлавон.

Муаллими Хайриддин,
Шумо фарди беҳтарин.

Эй Имомов Абдулло,
Ту зеби мактаби мо.

Исмоилов – директор,
Ҳаргиз намешавем хор.

Абдурасулов Умед,
Ба шумо роҳи сафед!

Абдуллоев Холмирзо,
Бошед ҳамеша бо мо!

Устоди мо Тоҷиддин,
Ӯ  шоири беҳтарин.

Эй Нуралиев Ҷамшед,
Аз Шумо дорем умед.

Аё Расулов Қобил,
Ҳар корат дорад ҳосил.

Муаллима Гулсифат,
Ба Шумо гӯям раҳмат.

Устод Тағаев Бӯстон,
Бош дар паноҳи Яздон!

# ФАРБАЙТҲО

## ТОҶИКИСТОН, ЗИНДА БОШӢ

Илоҳо,  Тоҷикистон, зинда бошӣ,
Чу хуршеди ҷаҳон поянда бошӣ.
Аё Эмоми ваҳдат, сарвари мо,
Ҳамеша ҷовиду фархунда  бошӣ!

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, меҳрат меҳри модар аст,
Тоҷикистон, меҳрат аз ҷон беҳтар аст.
Меҳри ту дар қалбу ҷонам ҷо гирифт,
Тоҷикистон Ҷаннату ҳам Кавсар аст.

## БА ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Лоиқи шеъру сухан будӣ, Лоиқ Шералӣ,
Номбардори Ватан будӣ, Лоиқ Шералӣ.
Баҳри ин меҳан ҳамехондӣ ту шеъру ғазал,
Булбули боғу чаман будӣ, Лоиқ Шералӣ.

## ҶОН ВАТАНАМ

Дар дифои ту манам, эй Ватанам,
Бе ту ман як булбули бечаманам.
Зикри номи ту бувад дар даҳанам,
Тоҷикистон – Ватанам ҷон, Ватанам.

## МОДАР

Модарам, бошӣ ҳамеша ёварам,
Меҳри ту бошад маро болу парам.
Ин муҳаббат, ин садоқат аз ту буд,
Дар само бо меҳри ту ман мепарам.

## ҶОВИДОН БОШӢ

Ҳамеша ҷовидон бошӣ,
Ҳамеша гулфишон бошӣ!
Ҳамеша дар амон бошӣ,
Аё эй Тоҷикистонам!

## СУЛҲИ ТОҶИКОН

Хуршеди сулҳ дурахшон
Дар  мулки Тоҷикистон,
Дар кишварам то абад
Сулҳ бимонад ҷовидон!

## РУБОИ

«Оҳ, аз ғами ту ошиқи девона шудам ман»
Бар шамъи гули рӯйи ту парвона шудам ман.
Рухсори базеби ту ҷамоли гули лола,
Умре ба роҳи ишқи ту завлона шудам ман.

****

«Аз ишқ магӯ, ки ошиқи дарду ғам аст»
Дар пайраҳаи ишқ ҳазорҳо алам аст.
Ошиқ ки шудӣ, зи ақл бегона шавӣ,
Оқибати ошиқӣ ҷабру ситам аст.

****

Он ёраки ман ба чашми чор мегузарад,
Монандаи абри навбаҳор мегузарад.
Боронаки нарми навбаҳор зудгузарай,
Он ёраки бевафои ман бехабарай,

****

Ай дилбари нозанин рафтӣ, ки надонам,
Ку шеъру суруде, ки ба васфи ту бихонам.
Ту рафтию ман дар ғами ту менолам,
Сад ҳайф, ки бигзашт ҳама давронам.

****

Дилам обу адо шуд аз бароят,
Мисоли ту дигар маъшуқ наояд.
Агар ояд ҳам, чу ту набошад,
Даруни диламро сузад ҷафоят.

Дилам аз сузи ишқат нола дорад,
Дарунаш доғе ҳамчун лола дорад.
Хабар дори магар аз қалби Ҷамшед,
Ки қалбаш сузи чандинсола дорад.

## РЕЗАҲО

Ҳар касе некӣ кунад  дар ин ҷаҳон,
Номи неки ӯ бимонад ҷовидон.
*****
Дониш омӯзӣ зи ҳар омӯзгор,
Пеши касе фардо намони ту хор.
*****
Ҳар касе гирад дуои волидайн дар зиндагӣ,
Ин дуо дар ҳарду олам раҳнамоияш кунад.
*****
Ба баҳри ишқи ту ман гаштаам ғарқ,
Кучҷойи нохудои роҳи ишқам?
*****
Паят ман ҳамчунон ки медавидам,
Намедидӣ ту боре рухи зардам.
*****
Марг ояд бар сари фарзанди одам ногаҳон,
Сад дареғи зиндагони медиҳад нохурда ҷон,

## ЧИСТОНҲО

1. Кушодем даруни он,
Ҳама дурр асту марҷон.

2.Бин ки, садо дорад он,
Вале худаш ноаён.
Гар нигарӣ бар сӯяш
Ҳеҷ намебинӣ рӯяш.

3.Дидам андаруни ғор
Садафҳо қатор-қатор.

4.Хабарбару хабарёр,
Барои ҳама даркор.

5.Дуюм ба ҷойи нон аст.
Фарқияташ калон аст.

6.Замини рӯйи ҷаҳон
Ҷойгир аст даруни он.

7.Аз номи як паранда
Як ҳарф кам мекунем.
Баъдан номи он дарахт
Мо муайян мекунем.

8.Аз олуча калон аст,
Рангаш мисли алвон аст.
Мазаи ширин дорад,
Хӯрдӣ, роҳати ҷон аст.

9.Посбони дари хона
Ҳам шабу ҳам рӯзона.

10.Дорад ӯ тоҷе ба сар,
Чу алвон аст ҷилвагар.

11.Дорад як чашм дар шикам,
Истода ба рӯйи ҳам .
Танҳо ба як чиз монанд,
Он ҳам як узви одам.

12.Дорад болои минқор
Хартуми чун думи мор.

13.Гул кунад дар замистон,
Ҳосил диҳад фаровон.
Ранги ҳосилаш алвон,
Номаш чӣ бошад, дӯстон?

14.Аз замин сар барорад,
Аз баҳор пайғом орад.

15.Чорпо дорад аз оҳан.
Ба обчӯшонак монанд.

16.Калону вазнаш гарон,
Медонед, ин чӣ ҳайвон?
На гов асту на гавазн,
Шохаш болои даҳон.

17. Гардандарозу чорпо,
Аз дарахт гирад ғизо.

18. Нафас зани садо кунад.
Ва баъдан нолаҳо кунад.
Садояш бисёр форам аст,
Зеро созу наво кунад,

19. Ӯ чубу тахта хӯрад.
Чигиту пахта хӯрад,
Бо ин ҷисми хурдакак.
Ҳар чизи сахта хӯрад,

20. Чаро бори гаронро,
Ду баробар калонро.
Доим мебарад бо худ,
Ин чисту аз он чӣ суд.

21.Дар ҳар нигаси хона.
Бе инсоф карда лона,
Аммо худаш хурдакак.
Нешаш мисли сӯзанак,

22. Чор по дорад калон аст,
Дар беша паҳлавон аст.
Лекин бо ин бузургӣ,
Назди муш нотавон аст.

23. Як чашм дораду як по,
Курта напӯшад асло.
Дар ҳар матоъҳои мо,
Неш мезанад доимо.

24. Зебандаи мардон аст,
Зеби пиру ҷавон аст.
Нишонаи хуб дорад,
Паёми пирӣ орад.

25.Ҳар гаҳ зани дод занад,
Дам ба дам  фарёд занад.

26. Се бародар дар як ҷо,
Рақамҳо ҷудо-ҷудо.
Ҳарсе ҳаракат кунад,
Болои сари онҳо.

27. Ҳиллагару маккор аст,
Ба кори худ ҳушёр аст.
Фиребгар асту айёр,
Ӯ дузду нобакор аст.

28. Ба хар монандӣ дорад,
Худро хар нашуморад.
Ҳайвони бисёр зебо,
Рангаш сафеду сиёҳ.

29. Меравад качу килеб,
Мерасонад  ӯ осеб.

30 Ӯ чист ба ҳама даркор,
Касе нест аз ӯ безор.

31. Дар баданаш хор дорад,
Хеле ҳам бисёр дорад.
Зарар наорад ба кас,
Душманӣ бо мор дорад.

32. Дорад ду чашми калон.
Нулаш монанди минқор,
Мебурад бо нули худ.
Пора кунад ҳар газвор.

33.Дар зери лаълӣ,
Тангаву тилло.
Ҳамаи онҳо,
Медиҳанд ҷило.

34. Дорад бинии шикоф,
Об мерезад оби соф.

35. Он дорои се хона,
Дорад ба худ  нишона.
Роҳнамоӣ  мекунад,
Дар роҳ хурду калона.

36. Бе дасту бепо ҳаст ӯ,
Медавонад ману ту.

37  Ӯ  ба ҳама даркор аст,
Даҳонаш мисли ғор аст.
Оташи даруни он,
Ҳамчун лаъл ҷиллодор аст.

38.Аз ҳама нозуктар аст,
Зеби хонаву дар аст.

39.Чор бародар пайвастанд,
Онҳо дасти  ба дастанд.
Ҳар чор дар як хонанд,
Ҳосили  як даррахтанд.

40. Шарбаташ ангубин  аст,
Гоҳ туршу гоҳ ширин аст.

41.Чор гӯш дорад сиёҳ аст,
Шаклаш монанди моҳ аст.
Доим дар азоби нор,
Ба мардуми мо даркор.

42.Болои кӯҳу саҳро,
Пар мезанад доимо.
Бо чанголу бо минқор,
Мекунад доим шикор.

43.Ҷисмаш хурд асту серкор,
Тозакору ҳалолкор,
Дорад фоидаи калон.
Дар пояш меорад бор.

44.Дар мулки мо бисёр аст,
Ба мардум мададгор аст.
Бор мекашад доимо,
Ба камбағал дар кор аст.

45.Дар зебогӣ ӯ зебост,
Хушранг асту хуш ҷиллост.

46.Он дорои ду ранг аст,
Хонааш бисёр танг аст.
Дар сарӣ хон ҳар саҳар,
Ҳатман барояш ҷанг аст.

47.Шамъи фурӯзони мост,
Равшани бар хони мост.

48.Фоидаи инсон аст,
Дар ҳама хонадон аст.
Нест мекунад ҷонваре,
Ки ӯ зараррасон аст.

49.Чор по дорад паҳлавон.
Ӯ фарбеҳ ҳасту калон,
Ғизояш ангубин аст.
Кӣ меёбад ин чистон,?

50. Як дум дораду се сар
Мардум зи ӯ дар ҳазар

51.Шифобахшу ширинай.
Шаҳди рӯи заминай,
Дар бозору мағоза.
Нархаш бисёр вазнинай.

52.Кушои даруни он,
Ақлат шавад фаровон.

53.Нӯги сараш шуълавар,
Ҳар лаҳза мешавад кам.
Ашкҳои дидаи ӯ,
Зери ӯ мешавад ҷамъ.

54.Доим равад сӯйи пеш,
Ӯ мекобад роҳи хеш.

55.Аз дур меояд садош,
Лекин бисёр гӯшхарош.

56.Номаш буз асту ҳам хар,
Даҳон шавад ширинтар.

57. Доимо сабзу зебост.
Умраш ҳазор солаҳоаст,

58.Ори ба назди чашмон,
Он дам мешави гирён.
Ҷомаи бисёр дар тан,
Мегирёнад мисли зан.

59.Ӯро бари ба даҳон,
Об мерезад аз миҷгон.

60.Аз ганҷ авлотар аст,
Беҳтар зи симу зар аст.

61.Мепарад паранда нест,
Меҷаҳад даранда нест.
Аз ҷой ба ҷой мепарад,
Ин ҷонвар газанда нест.

62.Бор карда дар пушту бар,
Хурдакаки дар ба дар.

63.Ҳарҷо равӣ меравад,
Бидавӣ ҳам медавад.

64.Ҳифзи ҷони тани ӯ,
Гашта аст ҷавшани ӯ.
Зараре намерасад,
Ба узви бадани ӯ.

65.Тоқи сиёҳи бисёр ,
Даруни қутти шуд ҷамъ.
Сафи тоқи сиёҳон ,
Ҳар лаҳза мешавад кам.

66.Чун доира шакли он,
Ранги ӯ ранги хазон.
Рангашро кунам огоҳ,
Ҳам сафеду ҳам сиёҳ.

67.Ишками ӯ сафед аст,
Худаш фарбеҳаки маст.
Хурад банбуку гиёҳ,
Дорад чашмони сиёҳ.

68.Панҷ  хона аз барф  пур,
Онҳо доранд ба худ нур.
Дар диёри мо бисёр,
Онро ҷаҳон харидор.

69.Мехонад дар лаби ҷӯ,
Гӯё дорад гуфтугӯ.

70.Дар сараш дорад ду гӯш
Ин паранда мисли муш

71.Гули дарозу  кашол,
Ёбед  ҷавоби суол.

72.Бадҳайбат  асту калон,
Ду  шох  дорад  дар даҳон.

73. Ҳайвони ғамхор аст ӯ,
Дармони бемор аст ӯ.
Дар зиндагии инсон,
Доимо даркор аст ӯ.

74.Гулаш бувад ноаён,
Ҳосил шавад фаровон.
Фоидаи хуб дорад,
Бар шукуфа ҳаст дармон.

75. Кӣ медонад ин суол,
Агар бошад бемалол.
Дар ҳар дари хона аст,
Шаб баставу рӯз кашол.

76.Мисли кулча шакли он.
Аз кулча хурдаст  бидон,

77. Рангоранг болу параш,
Зебанда тоҷи сараш.

78. Ҳама ӯро ҷӯён аст,
Лекин вай ноаён аст.

79 Як ҳарфи «С» дар майдон,
Қариб дорад сӣ дандон.

80. Роҳ равад бо нуги сар,
Тоза кунад бому дар.

81. Сар баровард аз замин,
Дорад кулоҳи заррин.

## ҚИССАҲО
## НАРХУ НАВО

Хабар расон ба дӯстон,
Аз номи мо ҷавонон.

Дар ин давру замона,
Хешу табор бегона.

Нарху навора напурс,
Ҳама шудай девона.

Орд як саду ҳафтодай,
Мардум дар войу додай.

Бепул гурусна гаштай,
Пулдор бо дили шодай.

Ҳаҷвист ин паёма,
Ҳоло дорад идома.

Гӯшта бин қиммат шудай,
Мардум боиллат шудай,

Ҳоли ҳама бад шудай.
Панҷоҳ буд ду сад шудай.

Деҳқон гирад аз замин,
Бо арақҳои ҷабин.

Гирифт ҳосил фаровон,
Дод ба савдогар арзон.

Гузошта болои он,
Чанд маротиба гарон.

Нарх надорад як меъёр,
Ин камбудии бозор,

Аз  камбудии рӯзгор.
Одамон мешаванд хор,

Гуфтем чӣ сон мешавад,
Мушкил осон мешавад.

Шояд баъди андак вақт,
Нархҳо арзон мешавад.

## НАШЪАМАНДӢ

Нашъамандӣ дар рӯзгор,
Хавфу хатар мекунад.

Оилаи солимро,
Хуни ҷигар мекунад,

Оқибати бебокӣ,
Аз дар ба дар мекунад.

Хиёнаткору сархам,
Пеши  падар мекунад.

Шармандаву ҳам расво,
Назди башар мекунад.

# ҲИКОЯТ
# ДУОИ НЕКИ ПИРАЗАН.

Рӯзе вақти аз мактаб бар гаштанам дар канори роҳ пирзанеро дидам, ки хаставу бемадор нишаста буд. Худ ба худ гуфтам: Ба ӯ чи шуда бошад?

Баъдан ба назди ӯ рафтам ва бо садои нарму муолим пурсидам: Бибиҷон, ҳой бибиҷон, ба шумо чӣ шудааст.

Ӯ ҷавоб дод:

-Асои худро дар автобус фаромӯш кардам. Ҳайронам, ки то хона чӣ тавр меравам.

-Ҳеҷ парво, накунед бибиҷон. Ман худам шуморо то хонаатон мебарам-гуфта аз дасташон доштам. Каме роҳ рафтем. Ногаҳон пиразан аз ҳуш рафт, ман ӯро ба канори роҳ ба ҷое шинондам. Баъдан ба мағозаи наздиктарини деҳа рафта хоҳиш намудам, ки зуд ба ёрии таъҷилӣ занг занед. Фурӯшанда дарҳол занг зад. Баъди андак вақт ёрии таъҷилӣ омада мо пиразанро ба беморхона бурдем. Баъди чанд соат пиразан ба ҳуш омад.Табибон падару модари маро ба беморхона даъват намуданд. Он пиразан бо тамоми ҳастияш минатдории худро ба падару модарам расонд. Баъдан ду дасти дуо сӯйи осмон бардошта як дуои неке ба ман ва падару модарам дод. Мо сар баландона ба хона баргаштем.

20.08.2016 с

## СӮҲРОБ ВА БЕҲРӮЗ

Сӯҳроб ва Беҳрӯз доимо якҷоя буданд, дар хона, дар мактаб ва дар сайру гашт. Рӯзе дар байни онҳо нофаҳмие шуд ва онҳо аз якдигар ҷудо шуданд. Муаллимаашон ҳамеша дар дарсҳои тарбиявӣ ба онҳо мегуфт, ки доим дастгири пирони солхӯрда бошед.

Иттифоқо, рӯзе баъди адои дарс ҳарду ба хона меомаданд. Дар роҳ пирамарде бо бархалтаҳои вазнин азият кашида роҳ мерафт. Сӯҳроб хост, ки ба ӯ ёрӣ диҳад, вале Беҳрӯз рад кард.

Ҳар чанд Сӯҳроб хоҳиш мекард, лекин Беҳрӯз ёрӣ намедод.Сӯҳроб бошад борхалтаҳои пирамардро бардошта, то ҷои лозима бурд. Пирамард аз борхалтааш дар ивази кӯмакҳои Сӯҳроб барояш себу конфет бароварда дод ва гуфт: -Раҳмат ба падару модари ту, ки чунин фарзанди бо инсофу бо одобро ба воя расонидаанд.

## ҶАВОБИ ЧИСТОНҲО:

1. АНОР
2. ШАМОЛ
3. ДАҲОНУ ДАНДОН
4. ТЕЛЕФОН
5. КАРТОШКА
6. ХАРИТА
7. ТУТ
8. ГЕЛОС
9. САГ
10. МУРҒ
11. ЛӮБИЁ
12. МУРҒИ МАРҶОН
13. ҚУЛФИНАЙ
14. СИЯҲГУШ
15. БУХОРӢ
16. КАРКАДАН
17. ЗАРОФА
18. НАЙ
19. МУШ
20. УШТУР
21. ЗАМБУР
22. ФИЛ
23. СӮЗАН
24. РИШУ МӮЙЛАБ
25. ТАБЛАК
26. СОАТ
27. РӮБОҲ
28. ГУРХАР
29. МОР
30. ПУЛ
31. ҶАЙРА
32. ҚАЙЧӢ
33. ОСМОНУ СИТОРА
34. ЧОЙНИК

35. ЧАРОҒАКИ РОҲНАМО
36. ТӮБ
37. ТАНӮР
38. ГУЛ
39. ЧОРМАҒЗ
40. ОЛУЧА
41. ДЕГ
42. УҚОБ
43. ЗАНБӮРИ АСАЛ
44. ХАР
45. ТОВУС
46. ТУХМ
47. БАРҚ
48. ГУРБА
49. ХИРС
50. АЖДАР
51. АСАЛ
52. КИТОБ
53. ШАМЪ
54. ОБ
55. ҚУРБОҚА
56. ХАРБУЗА
57. АРЧА
58. ПИЁЗ
59. ҚАЛАМФУР
60. ДОНИШ
61. КЕНГУРУ
62. МУРЧА
63. СОЯ
64. САНГПУШТ
65. ҚУТТИИ ГУГИРД
66. ОФТОБПАРАСТ
67. ПАНДА
68. ПАХТА
69. ҚУРБОҚА
70. КУРШАБПАРАК

71. ГУЛИ ЧОРМАҒЗ
72. МОРЖ
73. ГОВ
74. АНҶИР
75. ЗАНҶИРИ ДАРВОЗА
76. ШАЛҒАМ
77. ҲУД-ҲУД
78. ЧИСТОН
79. ШОНА
80. ҶОРӮБ
81. ҚОҚУ

# МУНДАРИЧА

Навраси навқалам.................................................... 3
Шеър ва ғазалҳо……………………………… 6
Сулҳ.................................................................... 6
Ту мепурсӣ зи ҳоли ман......................................... 7
Эй дило. Ватан..................................................... 8
Олами ифтихорам. Дили шоир.............................. 9
Шукрона мекунам. Муждаи зимистон................... 10
Модари ягона. Ба суйи ту..................................... 11
Одамӣ. Меравад.................................................. 12
Артиши мо. Дуст.................................................. 13
Сузи ишқ. Оби мусаффо........................................ 14
Арзу сипос........................................................... 15
Муалим. Ба устодам Қарақулов Дилшод................ 15
Салом модар. Ба устод Ҳайдарӣ............................ 16
Ба муаллима Кавракова Дилафруз......................... 17
Ба  Абдурасулов Умед........................................... 18
Ба Муқимов Х....................................................... 19
Ба муаллима Бобоева С. Пешво.............................. 20
Ба устод Муродов Х. Ба устод Каримов А............ 21
Ба устод Акрами Р. Ба устод Шафиев М................ 22
Ба кулли омӯзгорон............................................... 23
Фарбайтҳо.Тоҷикистон зинда бошӣ.Тоҷикистон
Ба лоиқ шералӣ...................................................... 25
Ҷон ватанам.Модар.Ҷовидон бошӣ.Сулҳи
тоҷикон................................................................ 26
Рубои…………………………………………… 27
Резаҳо................................................................... 28
Чистонҳо............................................................... 29
Қиссаҳо.Нарху наво............................................... 39
Нашъамандӣ.......................................................... 41
Ҳикоят.Дуои неки пиразан.................................... 42
Сӯҳроб ва беҳрӯз................................................... 43
Ҷавоби чистонҳо................................................... 44

ҶАМШЕД АЗИЗ

# ҚАЛАМИ САБЗ


Муҳаррир: ***Акрами Ризом***

Ҳуруфчин: ***Аброри Аҳрориён***

Муҳаррири техникӣ: ***Диловар Кенҷаев***

Ба чоп 03.07.2018 имзо шуд. Андозаи 60x84 $^{1}\backslash_{16}$

Коғази офсет. Ҳуруфи Times New Roman Tj.

Чопи офсет. Теъдод 100 нусха.

Нархи шартномавӣ